**Иқтибос аз суратҷаласаи №25**

**ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D КОА-005 оид ба ҳимояи диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзад ва доктори илм дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 24.09.2020**

Шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати 15 нафар тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа 12 нафар иштирок карданд.

**Раис:** д.и.т., профессор Убайдулло Н. К.

**Иштирок карданд:** д.и.т., профессор Убайдулло Н. К. - раиси шӯро; д. и. т., узви вобастаи АИ ҶТ Пирумшоев Ҳ. П.- ҷонишини раиси шӯро; д. и. т. Хоҷаева Н. Ҷ. - котиби илмии шӯро; д.и.т. Абдурашитов Ф.М.; д.и.т., профессор Абулҳаев Р.; д.и.т. Додхудоева Л.Н.; д.и.т. Дубовитский В.В.; д.и.т., академики АМИТ Ёқубов Ю.; д.и.т. Қобилова Б.Т., д.и.т., профессор Раҷабов А.; д.и.т. Раҳимов Н.; д.и.т., профессор Саидов А.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА

Барои ҳимоя қабул кардани таҳқиқоти диссертатсионии Садриддини Айниддин дар мавзӯи **«Нақши Низомулмулк дар низоми идории ҷамъиятӣ ва сиёсии давлати Салҷуқиён»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ пешниҳод шудааст, тасдиқи муқарризони расмӣ ва ташкилоти тақриздиҳанда.

Тибқи фасли IV-уми Дастурамал дар бораи Шӯро оид ба ҳимояи диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзад ва доктори илм «Ташхиси аввалия ва қабули диссертатсия барои ҳимоя», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 26.11.2016 с. №505 тасдиқ шудааст, Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА - 005, ки дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад, санаи 27.08.2020 комиссияро дар ҳайати: Р.Абулҳаев - доктори илмҳои таърих, профессор, Л.Н. Додхудоева - доктори илмҳои таърих ва Н.Т.Раҳимов - доктори илмҳои таърих барои баррасии диссертатсияи Садриддини Айниддин дар мавзӯи **«Нақши Низомулмулк дар низоми идории ҷамъиятӣ ва сиёсии давлати Салҷуқиён»** аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ, ки дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав омода гардидааст, таъйин намуд.

Дар асоси аризаи унвонҷӯ, хулосаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 19 феврали соли 2020, хулосаи комиссияи ташхиси шӯрои диссертатсионӣ оид ба диссертатсияҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо, дар мутобиқат бо бандҳои 44-47 фасли IV Дастурамал дар бораи шӯро оид ба ҳимояи диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзад ва доктори илм, Шӯрои диссертатсионии 6D КОА-005

**Қарор мекунад:**

1. Хулосаи комиссия ҷиҳати мутобиқати диссертатсияи Садриддини Айниддин дар мавзӯи **«Нақши Низомулмулк дар низоми идории ҷамъиятӣ ва сиёсии давлати Салҷуқиён»** аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ ба соҳаҳои Шӯрои диссертатсионии 6D КОА-005 ва ба мавзӯи пешниҳодшуда тасдиқ карда шавад.
2. Диссертатсияи Садриддини Айниддин дар мавзӯи **«Нақши Низомулмулк дар низоми идории ҷамъиятӣ ва сиёсии давлати Салҷуқиён»** аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ барои ҳимоя қабул карда шавад.
3. Санаи ҳимоя 07 январи соли 2021 таъйин карда шавад.

4. Ба ҳайси муқарризони расмӣ тасдиқ карда шаванд:

- **Давлатов Муллошо** - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи фанҳои гуманитарӣ-иҷтимоии Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон.

- **Сайнаков Сайнак Парпишоевич** – номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

5.Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда таъйин карда шавад.

6.Феҳристи ташкилотҳо ва ашхос барои фиристодани автореферат тасдиқ карда шавад.

7.Ба унвонҷӯ барои нашри автореферати диссертатсияи ба ҳимоя пешниҳодшуда иҷозат дода шавад.

Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «ҷонибдор » - 12, «муқобил» - 0, « бетараф» - 0.

**Раиси**
**Шӯрои диссертатсионӣ,**
**д.и.т., профессор** **Н.К.Убайдулло**

**Котиби илмии**
**Шӯрои диссертатсионӣ,**
**д.и.т.** **Н.Ҷ.Хоҷаева**

**Имзоҳои Н.К.Убайдулло ва Н.Ҷ.Хоҷаеваро тасдиқ мекунам**

**Нозири шуъбаи кадрҳо** **Г.Файзуллоева**

ИНСТИТУТ ИСТОРИИ, АРХЕОЛОГИИ И ЭТНОГРАФИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ АКАДЕМИИ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
ОТДЕЛ КАДРОВ